ТДУ 330.13.432

# САМАРАНОКИИ ИҚТИСОДИИ ИСТЕҲСОЛИ ҒАЛЛАДОНА ДАР МИНТАҚАИ ҲИСОР

**Аминзода З.М.** ‑ омӯзгори калон, ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур

***Калимаҳои калидӣ:*** *самаранокӣ, самарнокии иқтисодӣ, ҳосилнокӣ, таркиби хароҷот, арзиши аслӣ, фоида, дараҷаи даромаднокӣ, амнияти озуқаворӣ.*

Дар доираи татбиқи Барномаи давлатии «Таъмини амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» то солҳои 2030 масъалаҳои беҳтар намудани самаранокии соҳаи кишоварзӣ муҳимияти махсус пайдо менамоянд.

Барои зермаҷмааи ғалладонагӣ, ки соҳаи асосӣ барои таъмин намудани яке аз ҳадафҳои асосии кишвар, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат нақши калон дорад, баландшавии арзиши воситаҳои асосӣ, паст гардидани ҳосилнокии ғалладонагиҳо ва дар натиҷа - талафот ва зараровар будани баъзе хоҷагиҳои деҳқонӣ хос аст.

Самаранокии иқтисодии истеҳсолот ҳолати муҳими иқтисодиётро ташкил медиҳад ва он муаммои асосии назарияи иқтисодӣ маҳсуб ёфта, роҳҳои аз ин ҳам беҳтари истифода ё ҷорӣ намудани захираҳои нодирро бо мақсади бештар қонеъ гардонидани талаботҳои бемаҳдуди ҷомеа ҷустуҷӯ менамояд [5, саҳ. 25].

Маънии иқтисодии самаранокии истеҳсолот дар он зуҳур меёбад, ки бо кадом нарх, кадом хароҷот ва кадом ҳаҷми захираҳо натиҷа ба даст омад, яъне метавон оид ба шакли хароҷотии самаранокии истеҳсолот (таносуби натиҷа бар хароҷотҳо) ва шакли захиравии истеҳсолот (таносуби натиҷа ба захираҳо, омилҳои истеҳсолот) ҳарф зад [3, сах. 13].

Мураккабии муаммои муайян кардани самаранокии иқтисодӣ пеш аз ҳама дар он зуҳур меёбад, ки як намуди захираҳо дар истеҳсолоти якчанд намудҳои маҳсулот мумкин аст, истифода гарданд. Дар як вақт истеҳсоли ин ё он намуди неъматҳои моддӣ дар асоси як ё якчанд намуди захираҳо имконпазир аст, яъне якчанд муқобилҳо (алтернативаҳо) ба миён меоянд, ки дар ҳалли масъалаи баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот, андозаи миқдории он ба эътибор гирифта мешаванд. Ҳалли ин масъалаҳо ба ҷодаи имкониятҳои истеҳсолӣ аз як ҷониб ва аз ҷониби дигар аз хоҳиши истеҳсоли маҳсулот вобаста мебошанд, яъне ба манфиатҳои истеъмолкунандагоне, ки ба низоми ягонаи истеҳсолот ва истеъмоли маҳсулот алоқа доранд, нигаронида шудаанд [1, саҳ 47].

Ҳамин тавр, баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли ғалладонагӣ барои иқтисодиёти миллӣ, барои ҳар як корхона ва аҳолӣ аҳамияти калон дорад, зеро:

якум, афзоиши ҳаҷми истеҳсоли ғалладонагӣ дар шароити маҳдуд будани захираҳои ба пурра қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти аҳолӣ ба озуқаворӣ мусоидат мекунад;

дуюм, самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатӣ ва моддӣ ба камшавии хароҷоти истеҳсолӣ оварда мерасонад, ки ба сатҳи нархи чаканаи ғалладаногӣ ва дар умум ба нархи хӯрокворӣ таъсир мерасонад;

сеюм, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот афзоиши даромади корхонаҳо, ҷудокунии бештари маблағҳо барои рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии коллективҳои меҳнатиро таъмин менамояд.

Самаранокии иқтисодии истеҳсоли ғалладонагиҳо бисёрпаҳлӯ буда якчанд гурӯҳи нишондиҳандаҳоро дар бар мегирад. Ҳамин тавр, самаранокии иқтисодии истеҳсоли ғалладонагиҳоро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст:

- аз рӯи марҳилаҳои такрористеҳсол - ба самаранокии истеҳсолӣ-технологӣ, истеҳсолӣ-иқтисодӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ;
- аз рӯи сатҳҳои истеҳсолот - самаранокии иқтисодии миллӣ, соҳавӣ (кишоварзӣ, ғаллапарварӣ), корхонаҳо ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ);

- аз рӯи чорабиниҳои алоҳида (пуршиддат, махсусгардонӣ, ҳамгирoии агросаноатӣ, ҳамкорӣ ва ғайра).

Самаранокии истеҳсолӣ ва иқтисодӣ сатҳи истифодаи захираҳои истеҳсолиро тавсиф мекунад. Барои арзёбии он, нишондиҳандаҳои маҳсулнокии меҳнат ва ҳосилнокӣ аз 1 га замини кишоварзӣ, ба ҳисоби як коргари миёнаи солона, ба 100 сомонӣ ва ғайра истифода мешавад. Ин нишондиҳанда фишангӣ (механизми) асосии идоракунӣ ба ҳисоб меравад. Он ба таври васеъ бо системаи муносибатҳои соҳа ё корхона бо мақомоти давлатӣ, дигар соҳаҳо ва корхонаҳо, инчунин муносибатҳои дохиличамъиятӣ муайян карда мешавад. Барои тавсифоти он нишондиҳандаҳои зерин: маҳсулоти умумӣ ва холис, даромади умумӣ ва даромади соф, фоида аз ҳисоби харочоти истеҳсолӣ ва сармоягузорӣ.

Самаранокии соҳавии кишоварзӣ бо системаи нишондиҳандаҳои умумӣ ва хусусӣ тавсиф карда мешавад. Ба нишондиҳандаҳои умумӣ дарачаи қонеъгардонии эҳтиёҷоти аҳолӣ ба маҳсулоти хӯрокворӣ, сатҳи истеҳсол ва истеъмоли намудҳои алоҳидаи маҳсулоти истеҳсолшуда ба ҳар сари аҳолӣ, ҳаҷми истеҳсолот, даромади умумӣ ва даромади холиси як воҳиди захираҳои истеҳсолӣ, дарачаи даромаднокии сармоягузорӣ ва харочоти истеҳсолӣ ва ғайра дохил мешаванд.

Ба низоми нишондиҳандаҳои алоҳида ҳосилнокии зироат, маҳсулнокии ҳайвонот, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти алоҳида ба 1 га замини кишоварзӣ, ба як корманди миёнаи солона нишондиҳандаҳои хоси самарнокии иқтисодии истеҳсолоти кишоварзӣ дохил мешаванд.

Баланд бардоштани самаранокии иқтисодии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар шароити бозор бе баҳодиҳии объективии омилҳо ва нишондодҳои мухталиф дар соҳаи кишоварзӣ имконнопазир аст. Бо як нишондиҳанда ё критерия баҳо додан ба самаранокии иқтисодии истеҳсолоти кишоварзӣ номумкин аст. Нишондиҳандаҳои мушаххасу муайяне заруранд, ки таъсири омилҳои гуногунро ба раванди истеҳсолот инъикос кунанд. Танҳо низоми нишондиҳандаҳо имкон медиҳад, ки таҳлили ҳамачониба ва хулосаҳои дуруст дар бораи самтҳои асосии баланд бардоштани самаранокии иқтисодии истеҳсолоти кишоварзӣ гузаронида шаванд. Бо истифодаи низоми нишондиҳандаҳо, мо метавонем критерияҳои асосӣ ё ёрирасон ва мушаххасро муайян карда, тавсифи умумии миқдорӣ ва сифатии равандҳои иқтисодии марбут ба самаранокии истеҳсолотро пешниҳод намоем.

Барои баҳодиҳӣ ба самаранокии иқтисодии маҳсулоти кишоварзӣ ҳам нишондиҳандаҳои натуравӣ ва ҳам арзишӣ истифода бурда мешаванд. Аҳамияти ҳосилнокӣ ҳамчун нишондиҳандаи иқтисодӣ аз он иборат аст, ки он дарача ва самаранокии истифодаи заминро инъикос мекунад. Ҳосилнокии баланд яке аз нишондиҳандаи муҳими самаранокии истеҳсоли ғалладона ба ҳисоб меравад.

Ҷадвали 1.

***Ҳосилнокии зироатҳои ғалладаногӣ дар минтақаи Ҳисор* дар хоҷагиҳои шаклашон гуногун*, дар солҳои 2013-2018, с/га***

| | 1991 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Дар ҳамаи категорияи хоҷагиҳо | 11,6 | 23,3 | 32,3 | 33,2 | 33,0 | 31,0 | 26,0 |
| *аз он ҷумла:*<br>Дар корхонаҳои кишоварзӣ | 11,6 | 18,7 | 21,9 | 22,4 | 23,6 | 23,3 | 19,6 |
| Дар хоҷагиҳои аҳолӣ | - | 24,4 | 34,3 | 35,3 | 33,7 | 32,3 | 27,9 |
| Дар хоҷагиҳои деҳқонӣ | - | 25,5 | 32,6 | 35,0 | 33,9 | 31,6 | 25,6 |

**Манбаъ:** Маҷмуаи “Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон”, 2019, саҳ 202-204

Аз нишондодҳои омории дар ҷадвал овардашуда, айён мегардад, ки ҳосилнокии ғалладона нисбат ба соли 1991 ду маротиба зиёд афзудааст. Тағйиротҳои назаррас дар тамоёли динамикаи нишондиҳандаи ҳосилнокии ғалладонагӣ дар хоҷагии аҳолӣ ва деҳқонӣ ба назар мерасанд. Дар ин категорияи хоҷагиҳо ҳосилнокӣ нисбат ба

корхонаҳои кишоварзӣ таносубан 40% ва 30% зиёдтар аст. Аз ин хулоса баровардан мумкин аст, ки дар хоҷагиҳои аҳолӣ ва деҳқонӣ захираҳои истеҳсолӣ самаранок истифода гардида ба зиёдшавии ҳосилнокии ғалладонагиҳо мусоидат намудааст.

Бояд ёдовар шуд, ки суръати афзоиши дигар соҳаҳои иқтисодиёт, пеш аз ҳама чорводорӣ аз афзоиши истеҳсоли ғалладонагиҳо бештар вобастагӣ дорад. Мушкилоти истеҳсоли ғалладонагӣ на танҳо зиёд шудани истеъмоли он, балки истифодаи оқилонаи он, аз ҷумла зиёд шудани ҳосили ғалладонагиҳо ва хӯроки чорво мебошад.

Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки сарчашмаҳои баландшавии ҳосилнокии ғалладона аз инҳо иборат аст: беҳтар намудани интихоби навъҳое, ки ба даст овардани ҳосилнокии баландро таъмин менамоянд; истифодаи киштгардонии муосир; ғизодиҳӣ ва обтаъминкунии баробар ба зироатҳо; низоми мукаммал ҷиҳати ҳифзи ғалладона аз ҳашаротҳои зараррасон ва ҳар гуна бемориҳо; ташкили оқилонаи истеҳсолот ва ҳавасмандгардонии моддии кормандон ва дигар омилҳое, ки бидуни он ба даст овардани ҳосилнокии баланд имконнопазир аст.

Маълум аст, ки нишондиҳандаҳои натуравӣ (ҳосилнокӣ) танҳо як тарафи самара ба даст овардашударо инъикос мекунанд. Барои муайян кардани самараи иқтисодӣ, инчунин донистани хароҷоти умумии меҳнат, ки ҳосилнокии муайяншударо ба даст овարданд, зарур аст.

Қайд намудан ба маврид аст,ки ҳар чи қадаре ки ҳосилнокии зироатиҳои ғалладонагӣ баланд бошад, пас арзиши аслӣ ва сарфи меҳнат барои 1 сентнер маҳсулоти истеҳсолшуда камтар гашта, мутаносибан даромаднокии нисбатан баланди корхонаҳо таъмин карда мешавад. Аммо, чунин робитаи нишондиҳандаҳо танҳо вақте ба вуқӯъ меояд, ки соҳаи кишоварзӣ дар шароити мӯътадил рушд мекунад, яъне тафовут дар нархҳои захираҳои моддию техникӣ ва маҳсулоти кишоварзӣ кам вуҷуд дорад ва давлат ин равандро танзим менамояд.

Ҳаҷми фоида ва даромаднокӣ, ҳолати молиявии корхона ва қобилияти пардохтпазирии он, суръати такрористеҳсоли васеъ, сатҳи хариду фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ аз арзиши аслии истеҳсолӣ вобастагӣ дорад. Самаранокии иқтисодӣ аз арзиши аслии истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти мушаххас вобаста аст, бинобар ин таҳлили арзиши аслӣ ниҳоят муҳим мебошад.

Ҷадвали 2.

**Таркиби хароҷот ба 1 гектар ва 1 сентнер ғалладонагӣ дар минтақаи Ҳисор, дар давраи солҳои 2016-2018, сомонӣ**

| № | Номгуи хароҷот | 2016 | | 2017 | | 2018 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Ба 1 гектар | Ба 1 сентнер | *Ба 1 гектар* | *Ба 1 сентнер* | *Ба 1 гектар* | *Ба 1 сентнер* |
| 1. | Музди меҳнат бо ҳиссаҷудокунӣ ба суғуртаи иҷтимоӣ | 573 | 19,8 | 573 | *19,2* | *573* | *20,0* |
| 2. | Тухмӣ ва масолеҳи киштшаванда | 864 | 29,6 | 912 | 30,5 | 960 | 33,4 |
| 3. | Сузишворӣ ва равғанҳоимолиданӣ | *468* | *16,0* | *492* | *16,5* | *530* | 18,4 |
| 4 | Хурдашавии воситаҳои асосӣ | 26 | 0,9 | 26 | 0,9 | 26 | 0,9 |
| 5. | Нуриҳои минералӣ ва органикӣ | 1120 | 38,3 | 1208 | 40,4 | 1380 | 48,1 |
| 6. | Дигар хароҷотҳо | 1250 | 42,8 | 1465 | 49,0 | 1652 | 57,6 |
| | Ҳамагӣ | 4301 | 147,4 | 4676 | 156,5 | 5121 | 178,4 |

**Манбаъ:** ҳисобҳои муаллиф аз рӯйи ҳисоботи солонаи хоҷагиҳои кишоварзии ш.Ҳисор, дар солҳои 2016-2018.

Аз таҳлили маълумоти ҷадвали 2 бармеояд, ки арзиши маводҳои моддӣ, тухмӣ, нуриҳои минералӣ, сузишворӣ сол то сол афзуда истодаанд. Ин пеш аз ҳама ба зиёдшавии арзиши аслӣ ва нархи ғалладонагиҳо оварда мерасонад. Дар таркиби арзиши аслвазни қиёсии тухмӣ ва нуриҳои минералӣ аз ҳама зиёд аст ва ин хароҷотҳо ҳамасола 20-30% афзуда истодаанд. Дар баробари ин музди меҳнат бетағйир мондааст. Баланд шудани хароҷотҳо бевосита ба баланд шудани арзиши аслии маҳсулот оварда

расонидааст, ки ин нишондиҳанда дар навбати худ ба самарнокии иқтисодӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Критерияи самаранокии иқтисодии маҳсулоти кишоварзӣ бояд чунин бошад, ки онҳо ба осонӣ таҳлил карда шаванд, яъне ба нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ, ки онҳоро муайян мекунанд, чен кардани таъсири омилҳои асосӣ ва шароити иқтисодӣ, муайян кардани захираҳои истеҳсолӣ ва асоснок кардани роҳҳо ва воситаҳои аз ҷиҳати илмӣ асоноку оқилонаи баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли маҳсулот ошкор карда шавад. Бисёр олимон бар он ақида ҳастанд, ки нишондиҳандаи асосии самаранокиии истеҳсолот ин ҳаҷми фоида ба 1 гектар ба ҳисоб меравад. Ба ақидаи мо фоида ба як гектар зироати киштшаванда самарнокии истеҳсолотро пурра дарҷ карда наметавонад, чунки дар он хароҷоти истеҳсолӣ пурра инъикос наёфтаанд. Ба ақидаи бисёр олимони соҳа, ва мо ҳам инро дастгирӣ менамоем, критерияе, ки бештар ба самаранокии истеҳсоли маҳсулот ва махсусан ғалладонагиҳо баҳои объективӣ дода метавонад ин дараҷаи даромаднокӣ мебошад.

Ҷадвали 3.

**Самаранокии истеҳсоли ғаладонагиҳо дар хоҷагиҳои минтақаи Ҳисор, дар солҳои 2016-2018**

| № | Нишондиҳандаҳо | 2016 | 2017 | 2018 | Соли 2018 нисбати соли 2016, бо % |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Ҳосилнокӣ, ц/га | 26,0 | 26,5 | 25,1 | 96,5 |
| | Ҳаҷми маҳсулоти фурӯхташуда, ҳазор, тонна | 83,9 | 79,3 | 72,8 | 86,8 |
| 2 | Хараҷоти меҳнат ба 1с,одам/соат | 1,41 | 1,35 | 1,56 | 110,6 |
| 3 | Хароҷот ба 1 га | 4256,3 | 4665,2 | 4968,6 | 116,7 |
| 4 | Арзиши аслии 1 сентнер | 166,5 | 176,6 | 186,4 | 112,0 |
| 5 | Нархи фурӯши 1 сентнер | 203,6 | 216,6 | 230,8 | 113,4 |
| 6 | Фоида аз фурӯш, ҳазор сомонӣ | 31126,9 | 31720,0 | 32323,2 | 103,8 |
| 7 | Дараҷаи даромаднокӣ, 5 | 22,3 | 22,6 | 23,8 | 106,7 |

**Манбаъ:** ҳисобҳои муаллиф аз рӯйи ҳисоботи солонаи хоҷагиҳои кишоварзии минтақаи Ҳисор, дар солҳои 2016-2018.

Сатҳи ҳосилнокии ғалладонагиҳо махсусан гандум дар хоҷагиҳои минтақа дар заминҳои лалмӣ паст аст. Бинобар ин сатҳи миёнаи даромаднокии истеҳсоли ғалладонагиҳо дар хоҷагиҳои галлапарварӣ минтақа ба ҳисоби миёна ҳамагӣ 22-24%-ро ташкил медиҳад. Ҳол он ки ин нишондиҳанда дар хоҷагиҳои пешқадами минтақа ба 40-45% баробар аст, яъне авай 35-35 сентнер аз як гектарро ташкил медиҳад.

Рушди босамари истеҳсолоти ғалладонагиҳо дар ҷумҳурӣ дар асоси интесификатсиякунонии истеҳсолот, ки бо воситаи истифодаи навъҳои наву серҳосили ғалладонагиҳо ва технологияи сарфакунандаи захираҳо, сохтори бонизоми кишти зироатҳо, азнавбарқароркуни хок асос ёфтааст, вобастагии амиқ дорад.

Критерияи самаранокии иқтисодӣ бояд моҳияти муносибатҳои иқтисодиро дар раванди истеҳсолот ва амалиётҳои мубодилавии молию пулӣ бо таъминкунандагон ва истеъмолкунандагон инъикос менамояд, инчунин муносибатҳои баробарҳуқуқро бо дигар соҳаҳо, ки бо сохторҳои танзимкунандаи давлатӣ баробаранд, нишон медиҳад. Барои арзёбии самаранокии истеҳсоли ғалладона, чун дар маҷмӯъ дар соҳаи кишоварзӣ нишондиҳандаҳои натуравӣ ва арзиши истифода мегардад. Ба ақидаи мо, аз ҳама нишондиҳандаҳои дастрас ва оддии самаранокии иқтисодии истеҳсоли ғалладона нишондиҳандаҳои ҳосилнокӣ, арзиши аслӣ, хароҷоти меҳнат ба 1 сентнер маҳсулоти истеҳсолшуда, фоида ва сатҳи даромаднокӣ мебошанд.

## Адабиёт


1. Алтухов А. И. Повышение эффективности производства зерна на основе научно-технического прогресса / А. И. Алтухов, В. И. Нечаев, А. И. Трубилин. - М.: АгриПресс, 2005. - 208 с.
2. Алтухов А.И. Современные проблемы развития зернового хозяйства и пути их решения.- М., 2005. - 442 с.
3. Кидяева Н.А. Методика определения экономической эффективности сельскохозяйственной продукции //Инновации в образовательной деятельности: российский и зарубежный опыт: материалы междунар. науч.-метод. конф. 4.1. - Хабаровск: Изд-во ДВАГС, 2007. - С.222- 227
3. Мадаминов А.А. Производство конкурентоспособной продукции ‟ основа устойчивого развития АПК. ‟ Душанбе, Кишоварз, 2003, №2. ‟С.54‟60
4. Муминов М.М.Организационно-экономические аспекты повышения эффективности семеноводства зерновых культур. Автореферат диссертации. Душанбе, 2009
5. Нечаев В. И. Резервы увеличения производства зерна и повышения его эффективности: Региональный аспект / В. И. Нечаев, А. П. Рыбалкин. - М.: АгриПресс, 2002. - 284 с.
6. Тертышник М.И. Экономика предприятия: учеб.-метод. комплекс. † М.: ИНФРА-М, 2005. - 301 с.


## АННОТАЦИЯ
## ЭКОНОМИЧЕСКАЯ ЭФФЕКТИВНОСТЬ ПРОИЗВОДСТВА ЗЕРНОВЫХ В ГИССАРСКОМ ЗОНЕ


В данной статье расмотренны вопросы эффективности производства зерновых в Гиссарской зоне. В статье анализированы теоретические и практические вопросы данной проблемы. Кроме того, на основе конкретных данных зернопроизводящих хозяйств Гиссарской зоны рассчитана экономияческая эффективность производства зерновых культур и сделаны конкретные выводы для превышения эффективности экономической эффективности производства данных культур.



***Ключевые слова:*** *эффективность, экономическая эффективность, урожайность, структура затрат, себестоимость, прибыль, уровень рентабельности, продовольственная безопасность.*


## АННОТАТСИЯ
## САМАРАНОКИИ ИҚТИСОДИИ ИСТЕҲСОЛИ ҒАЛЛАДОНА ДАР МИНТАҚАИ ҲИСОР


Дар мақолаи мазкур масъалаҳои самаранокии иқтисодии истеҳсоли ғалладонагиҳо дар минтақи Ҳисор мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Паҳлуҳои назариявӣ ва методии масъалаи мазкур дар мақола таҳлил карда шудааст. Инчунин дар асоси маълумоти мушаххаси хоҷагиҳои ғаллапарвари минтақа самаранокии иқтисодии истеҳсоли ғалладонагиҳо ҳисоб карда шудааст ва оид ба баланд бардоштани самаранокии иқтисодӣ истеҳсоли зироатҳои мазкур пешниҳодҳои мушахас карда шудааст.



***Калимаҳои калидӣ:*** *самаранокӣ, самарнокии иқтисодӣ, ҳосилнокӣ, таркиби хароҷот, арзиши аслӣ, фоида, дараҷаи даромаднокӣ, амнияти озуқаворӣ.*


## ANNOTATION
## ECONOMIC EFFICIENCY OF GRAIN PRODUCTION IN THE GISSAR ZONE


The article analyzes the theoretical and practical issues of this problem in addition, on the basis of specific data of grain producing farms of the Gissar zone, the economic efficiency of the production of grain crops was calculated made Special conclusions were drawn for increase the efficiency of the production of grain crops.



***Key words:*** *Efficiency, economic efficiency, productivity, cost structure, cost price, profit, lever profitability, fatty safety.*